**РАИСИ**
**КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ**
**ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# ФАРМОИШ

«13» 01 соли 2017 №34 ш.Душанбе

*«Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Фармоиши Кумитаи андоз аз 20.04.16, №125 «Оид ба тасдиқи шакли намунавии санади назоратӣ камералӣ»*

Бо мақсади такмил ва ба танзим даровардани раванди назорати камералии эъломияҳои (ҳисоботҳои) андозсупорандагон, роҳ надодан ба такрорёбии назоратҳои камералӣ дар фаъолияти андозсупорандагон, аз ҷумла маҳдуд намудани дахолат ба фаъолияти корхонаҳои истеҳсолӣ ва воҳидҳои алоҳидаи андозсупорандагон, мутобиқ ба муқаррароти моддаҳои 37 ва 89 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон,

## ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Ба банди 11 «Талабот барои тартиб додани санади назорати камералӣ», ки бо Фармоиши Кумитаи андоз аз 20.04.2016, №125 тасдиқ гардидааст, тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

«- назорати камералии воҳидҳои алоҳидаи андозсупорандагоне, ки дар қайди НАК, НАМ, нозиротҳои андоз дар шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ мебошанд, танҳо дар мувофиқа бо Кумитаи андоз, дар қайди нозиротҳои андози дар вилоятҳои Суғду Хатлон буда, дар мувофиқа бо раёсатҳои андоз дар вилоятҳои Суғд ва Хатлон гузаронида мешаванд;

-дар фаъолияти андозсупорандагоне, ки дар доираи маблағҳои грантӣ (кредитӣ) фаъолият менамоянд, инчунин корхонаҳои калони саноатии истеҳсолӣ, ки аз ҳисоби сармоягузориҳои хориҷӣ таъсис ёфтаанд, назорати камералӣ танҳо дар мувофиқа бо Кумитаи андоз амалӣ карда мешавад;

-назорати камералӣ дар фаъолияти субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ (ба истисной ҳолатҳое, ки бо андозсупорандагони бемасъулият

амалиётҳои андозбандишаванда анҷом медиҳанд) на зиёда аз як маротиба дар се моҳ гузаронида мешавад».

2. Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон фармоиши мазкурро дар сомонаи Кумитаи андоз ҷойгир намуда, Раёсати санҷиши андозҳо дар Ҳафтавораи «Боҷу хироҷ» ба табъ расонад.

3. Шӯъбаи ташкили гардиши ҳуҷҷатҳо ва коргузорӣ фармоиши мазкурро ба маълумоти воҳидҳои сохтории Кумитаи андоз, раёсатҳои андоз дар вилоятҳои Суғду Хатлон, ВМКБ, шаҳри Душанбе, НАК, НАМ ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дастрас намояд.

4. Назорати иҷрои Фармоиши мазкур ба зиммаи Раёсати санҷиши андозҳо вогузор карда шавад.

Раис Н.Давлатзода